**Зиндагӣ**
**зери сарварии Рӯҳулқудс**.

# 2

## Ман чӣ бояд кунам?

Мо хурсандем, ки шумо ба омӯзиши Библия майл пайдо кардед. Курсҳои Библия, ки мо ба шумо пешниҳод менамоем, ба шумо тасаввуроти амиқе дар бораи Библия медиҳанд ва барои сарвати рӯҳонии ӯро соҳиб гаштан ба шумо кӯмак мерасонанд.

Дар пеши худ мақсад гузоред, ки то ҳаддалимкон рӯзе як дарсро хонед.

Лутфан дар болои лифофа номатон, фамилияатон, насабатон, рақами ҳуҷра , номи муассиса ва нишонии пурраи почтаатонро бо ҳуруфоти чопӣ нависед.

Ба Худо ибодат кунед ва аз ӯ хоҳиш намоед, ки барои фаҳмидани Каломаш ба шумо мадад расонад (Забур 118:18). Библия мегӯяд, ки Худо «**Ба толибони худ мукофот медиҳад» (Ба Ибриён 11:6)**

Бодиққат ҳар як саволро хонед. Ба ҳар як савол ҷавобе аз сурудҳои Библия пайдо менамоед. Дар ҳар як савол ишорае ба яке аз сурудҳои мувофиқи Библия мебошад. Мисол, барои ёфтани суруди 3:16 аз Инҷили Юҳанно шумо ба мундариҷаи Библияатон нигоҳ кунед. Вай ба шумо саҳифаи оғозшавии Инҷили Юҳанноро нишон медиҳад. Рақами «**3**» ин боби 3 аст ва рақами «**16**» рақами ояти 16-ум мебошад.

Пас аз бодиққат хондани порчаҳои Библия кӯтоҳакак ба саволҳо бо суханони худ ҷавоб нависед. Хоҳиш мекунем, порчаҳоро аз Библия пурра рӯйнавис нанамоед. (Ба ҷавобҳои намунавӣ

нигаред). Лутфан тамоми курсро пур намоед ва ба лифофаи иловакардашуда андохта ба мо баргардонед.

## Дар намояндагии мо

Пас аз он ки мо ҷавобҳои шуморо месанҷем ва баҳо мегузорем, ба шумо шаҳодатномаи хатми курсҳои Библияро мефиристем. Шаҳодатномаро дар худ нигоҳ доред. Мо натиҷаи ҷавобҳои шуморо дар намояндагиамон нигоҳ медорем.

Барои тафтиши кори шумо вақт лозим аст. Лутфан пуртоқат бошед. Мо ба шумо курсҳои навро чӣ қадаре, ки метавонем тезтар мефиристем.

## Биёед ошкоро гап мезанем.

Якчанд кормандони миссияи мо ҷавобҳои шуморо месанҷанд, бинобар ин аз эҳтимол дур нест, ки шарҳдиҳии кори шумо аз тарафи инструкторони гуногун сурат гиранд. Мо хурсанд мешудем, агар ақидаҳои шуморо дар бораи курсҳоямон медонистем. Эродҳо ва шарҳдиҳии шумо дар бораи шуморо донистан ва инчунин эҳтиёҷоти шуморо фаҳмидан ёрӣ мерасонанд. Лутфан ба мо нависед, агар дар шумо саволе оид ба Библия, Худованд ё дигар масоили рӯҳонӣ пайдо гаштаанд. Онҳоро дар варақаи алоҳида нависед ва дар лифофа ҳамроҳи курсҳои пур кардаатон гузоред.

## Ёрӣ дар таҳсил.

Оё шумо медонед, вақте ки мо Библияро меомӯзем, ба мо омӯзгори шахсӣ машғулият мегузаронад? ӯ ҳамеша ҳамроҳи мост, то ин ки дар фаҳмидани чизи хондаамон ба мо ёрӣ диҳад ва ба мо ёд диҳад, ки онро чӣ тавр дар ҳаётамон истифода бурда метавонем. Ин омӯзгор муаллифи Библия – Рӯҳулқудс мебошад. Исои Масеҳ гуфт, ки Рӯҳулқудс «ҳама чизро таълим хоҳад дод» ва «ба тамоми ростӣ роҳнамоӣ хоҳад намуд». (Юҳанно 14:26, 16: 13)

Рӯҳулқудс шуморо ҳам вақте ки Библияро мустақилона меомӯзед, ҳам вақте ки шумо рӯҳониён ва муаллимони аз тарафи Худованд фотеҳашударо гӯш мекунед, таълим медиҳад. Вале шумо бояд ҳам ин ва ҳам онро кунед, ин ҳарду намуди таълим якдигарро иваз карда наметавонад. Пеш аз омӯзиш аз Рӯҳулқудс хоҳиш

намоед, ки шуморо сарварӣ намояд. Дар Забур 118:18 мо намунаи ин дуоро пайдо карда метавонем:
« Чашмони маро воз кун то ки аз Тавроти ту корҳои аҷоибро бубинам» .

Барои омӯзиши мустақилонаи Библия барои шумо зарур аст:

- Вақт: ҳамон тавре ки шумо ҳар ҳафта ба калисо меравед, шумо бояд барои омӯзиши Библия вақт ҷудо намоед. Ба баъзеҳо ҳар рӯз кам-кам хондани Библия мақул аст, баъзеи дигар барои ин кор ҳар ҳафта як бегоҳро ҷудо менамояд. Барои худ вақти мусоидро интихоб намоед ва онро бе чуну чаро истифода баред.
- ҷой: Аз рӯи имконият чунин ҷоеро пайдо намоед, ки он ҷо ҳеҷ кас ба шумо халал нарасонад.
- Айёният: Ба ғайр аз воситаи омӯзиши Библия шумо бояд Библияро пурра – Аҳди қадим ва Аҳди ҷадидро дошта бошед.
- Усул: ҳар як ояти Библияро бодиққат хонда, таҳлил намуда, сипас ба саволҳои додашуда ҷавоб нависед. Инчунин хондани контексти ин оятҳо аз манфиат холӣ нест. (ояти пешомада ва пасомада). Аз рӯи имконият кӯшиш намоед, ҷавобҳоро бо суханони худ нависед.

Дар ҳар як боб «саволҳо барои андешаронӣ» ба шумо дучор мегарданд. Онҳо ҳатмӣ нестанд, лекин барои он таъин гаштаанд, ки диққати шуморо ба ягон фикри муайян равона созанд.

Аз китоби аввал «ҳаёти шумо дар Масеҳ», шумо фаҳмидед, ки чаро Масеҳ дар ҳаёти шумо дар ҷои аввал бояд истад. Баъд дар шумо савол ба миён омад. «Вале ман чи тавр ҳама вақт ба Масеҳ нигариста, бо Рӯҳ зиста метавонам?» дар ин китоб шумо ба ин савол ҷавоб пайдо менамоед. шумо панҷ нуқтаи назари муҳими ҳаётро, ки асоси он шахсияти Исои Масеҳ мебошад, меомӯзед:

- Итоат ба Худо.
- Каломи Худованд дар ҳаёти Шумо.
- Муносибат бо Худо.
- Муносибат бо бародарон ва хоҳарон дар Масеҳ.
- Шаҳодати шумо дар бораи Масеҳ.

***Боби якум.***

## Итоат ба Худо.

Дар ҳамон лаҳзае, ки шумо ба Исои Масеҳ ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ имон овардед, зиндагии ба Худо итоаткунанда

барои шумо имконпазир гашт. Рӯҳулқудс шуморо аз занҷири гуноҳ ва марг наҷот дод.(Румиён 8:2)  Ӯ омад, то дар шумо зиндагӣ кунад! Ва Ӯ  ба шумо кӯмак мерасонад, то ин ки масеҳона зиндагӣ намоед.

«На мо бояд бо тамоми қувват кӯшиш намоем, ки ба монанди Исо зиндагӣ намоем, балки Ӯ Худаш бо Рӯҳи Худаш бояд биёяд ва дар мо зиндагӣ намояд. Танҳо кӯшиши Ӯро пайгирӣ кардан нокифоя аст: Мо Ӯро ҳамчун Наҷотдиҳанда бояд донем. Танҳо тавассути марги кафораткунандаи Ӯ мо аз ҷазо барои гуноҳҳоямон эмин мондем, ва танҳо Рӯҳи Ӯ, ки дар мо зиндагӣ менамояд, ҳукумати гуноҳҳоро шикаста метавонад». Ҷ*он. Р. В. Скотт.*

Барои омӯзиши минбаъдаи ҳаёти дар итоати Худо буда, ба шумо дарк кардани он зарур аст, ки шумо танҳо тавассути қудрати Рӯҳулқудс ин гуна ҳаётро паси сар карда метавонед.

## Асос барои итоаткорӣ.

Вақте ки шумо дар бораи итоаткорӣ ба Худо фикр мекунед, ба шумо зарур аст, инро ба ёд оред, ки Ӯ кӣ аст ва Нақшаи Ӯ дар ҳаёти шумо чӣ аст.

🗁✍Далелҳои зерин дар бораи Худо ба шумо чӣ мегӯянд?

А. 1 Юҳанно 4:8 ______________________________

Б. Ваҳй 4:11 ______________________________

В. Чӣ тавр онҳо ба итоаткории шумо ба Худо таъсир мерасонанд?

______________________________

🗎✍Такрори шариат 10:12-13-ро хонед.

А. Худо аз Исроил чӣ талаб кард? ______________________________

______________________________

Б. Чаро Худо хост, ки онҳо ин амру наҳъи диниро риоя намоянд?

В. Ин дар ҳаёти масеҳии асри 20 чӣ тавр истифодашаванда аст?

🗎✍Дар 1 Юіанно 5:3 дар бораи амру наіъи Худованд Чӣ гуфта мешавад?

🗐✍Дар бораи он фикр кунед, ки дар Юҳанно 14:15 ва 14:21 чӣ гуфта шудааст. Кӯтоҳакак алоқаи байни муҳаббат ба Худованд ва итоат ба Ӯ-ро шарҳ диҳед.

______________________________

## Итоат ба Худо.

Оё шумо нақшаи Худованд барои ҳаётатонро медонед?
Библия – ваҳйи ҳақиқати Худованд мебошад: ҳамин тарз итоат кардан ба гуфтаҳои Каломи Худованд, ин итоат кардан ба Худост.

Дар Забур 118 мо дар бораи муҳимияти Каломи Худованд мехонем. Чӣ тавр Библия ёрӣ медиҳад, ки шумо барои Масеҳ зиндагӣ намоед?

Ояти 11____________________________________________

____________________________________________

Ояти 105___________________________________________

____________________________________________

Ояти 130___________________________________________

____________________________________________

Дар Тимотиюс (2) 3:16 Павлус менависад, ки Навиштаҳо манфиатовар аст, барои

А. ____________ ба чӣ бояд бовар кард ва чӣ бояд кард.
Б.______________ дарк кардани гуноҳ.
В. ____________ чӣ тавр бояд тағйир ёфт.
Г.______________ чӣ тавр бояд зиндагӣ кард.

Бо тарзи графикӣ чунин тасвир кардан мумкин аст.

Таълим додан — Ба мо роҳеро нишон медиҳад, ки пайгирии он ба мо зарур аст.

Насиҳат кардан барои порсоӣ — нишон медиҳад, ки чӣ тавр бо ин роҳ рафтан мумкин аст.



**Ислоҳ шудан** — Нишон медиҳад, ки чӣ тавр боз дар ин роҳ қадам задан мумкин аст.

**Ошкоркунӣ** — нишон медиҳад, ки дар кучо ва бо чӣ сабаб шумо аз ин роҳ берун шудед.

7. Дар Матто 7:24-27 Исо тасвири олиҷаноби ду намуди одамонро ба миён овардааст: марди оқил ва марди нодон. Ин оятҳоро хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

| **Одами оқил.** | **Одами нодон.** |
| --- | --- |

Хона дар кадом асос бунёд ёфт?______________________________

ҳар ду хонаҳо дучори амали кадом қувваҳо гаштанд?
____________________________________________

Оқибат чӣ гуна буд?________________________________________
Оё ин одам Каломи Худовандро шунид?______________________
Бо чӣ ин ҳар ду одам аз якдигар фарқ доштанд?________________

_____________________________________________________

_____________________________________________________

8. Шояд шумо дар партави Каломи Худованд ба наздикӣ дидед, ки кадом яке аз ҳиссаи ҳаёти шумо мутеъи Худованд нест? Агар ин ҳамин тавр аст, пас он кадом ҳисса аст?___________________

_____________________________________________________

> «Итоат ба Каломи Худованд – калид ба ҳаёти пурарзишу бемуаммост зери сарварии Рӯҳулқудс».
>
> **Ҷон Г. (ҷейк) Митчелл.**

**Чӣ тавр шумо дар итоати доимии Худованд зиндагӣ карда метавонед.**

**Таълимоти Худованд.**

Худо аз шумо умедвори он нест, ки шумо танҳо ба қудрати худ умед баста дар итоат ба Ӯ зиндагӣ менамоед; бинобар ин Ӯ шуморо ба ҳама чизҳои зарурӣ таъмин намуд, то ин ки дар ҳамсафар бо Ӯ будан итоаткорӣ сидқию ҳақиқӣ бошад.

9. Дар ҳар як имондор кӣ мезияд?
 1. Қуринтиён 3:16_______________________________________
 2. Қуринтиён 6:16_______________________________________
 ғалотиён 2:20_________________________________________

10. Чаро масеҳиён душмани худро дар ҷаҳон пирӯз мешаванд? 1 Юҳанно 4:4

_____________________________________________________

11. Ба шумо ғайри мавҷудияти Худ Худованд чиро дод, то ин ки баҳри барои Ӯ зиндагӣ кардан ёрӣ диҳад. ҳарфҳои варианти ҷавобҳоро дар рӯ ба рӯи оятҳои зеромада дуруст нависед.

А. ҳама чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро
 2 Тимотиюс 1:7
Б. Библияро ____ 2Петрус 1:3
В. Ѕувват, муҳаббат ва парҳезгориро ______Румиён 15:4.

**Муносибати шумо.**

Бо вуҷуди он ки Худо ба шумо ҳама чизҳои заруриро барои ҳаёти дар итоатбуда дод, калиди истифодабарии ин тӯҳфаи ӯ муносибати шумо мебошад.

12.Бо чӣ гуна муносибат шумо ба Худо итоат карда метавонед?

Такрори шариат 26:16________________________________

Забур 39:9____________________________________________

Луқо 8:18_____________________________________________

**Ҳаёти дар итоатбуда**

Вале ҳатто масеҳӣ дар итоати Худованд зиндагӣ кунад ҳам, ба Ӯ мунтазам бо васваса мубориза бурдан лозим меояд. Чи тавр мо метавонем аз болои гуноҳ пирӯз омада, дар итоат зиндагӣ намоем? Барои ҷавоб ба ин саволҳо мо бояд донем, ки Библия дар бораи васваса, гуноҳ, кафорат ва пирӯзият чӣ мегӯяд.

13.Дар оятҳои зерин сарчашма ва сабабҳои васвасаро ёбед.

А. Васвасаангезанда кист? Матто 4:1-3.____________________

Б. Кӣ ҳеҷ вақт сарчашмаи васваса нахоҳад гашт?

Яъқуб 1:13.______________________________________________

Чӣ шуморо водор месозад, ки ба васваса дода шавед?

_______________________________________________________

**Саволҳо барои андеша**

Суханони аз ҷониби Ахан оиди саркашӣ намуданро таҳлил намоед (Ёҳушаъ ибни Нун 7:2-21)

А. Чӣ сабаби саркашқ гашт?_________________________________

_______________________________________________________

Б. Кай ӯ боз метавонист аз гуноҳ кардан канораҷӯӣ намояд?

В. Чиро шумо аз хатои ӯ омӯхта метавонед?

14.Оятҳои зеринро хонда истода, сифатҳои гуноҳро кӯтоҳакак баён намоед. (Ишаъё 53:6, Яқуб 4:17, 1. Юҳанно 3:4)

Гуноҳ аз васваса бо чӣ фарқ мекунад?

_______________________________________________________

15.Бодиққат 1 Қуринтиён 10:13-ро хонед.

А. Оё васвасаи шумо аз васвасаи дигар одамон фарқ мекунад? (ҷавоби дурустро қайд намоед.)

ҳа ☐ Не ☐

Б. Барои пешгирии васваса Худованд чӣ садде мегузорад? ______________________________

______________________________

В. Ваъдаи Худованд барои ононе, ки ба васваса дода мешаванд, чист?

______________________________

Дар ин оят мо ваъдаи олиҷанобро пайдо мекунем. Агар шумо ин оятро азбар менамоед ва дар болои он фикр менамоед, вай ба шумо ҳангоми ин лаҳзаҳо роҳи аз васваса берун шуданро нишон медиҳад.

Гарчанде Худо ба мо пирӯзӣ ва озодиро медиҳад, одамон боз ба гуноҳ ғӯттавар мегарданд, чунки таъиноти Худовандро рад менамоянд. Гуноҳе ки дар бораи ӯ шумо медонед ва кафорати онро намехоҳед,бо ин коратон Худовандро таҳқир месозед.

Гарчанде Худо дӯстдории шуморо бо вуҷуди дар гуноҳ ғӯтиданатон қатъ наменамояд, гуноҳ муносибати шуморо бо Исо вайрон месозад.

16.Дар (1 Юҳанно 1:9) мо мехонем, ки мо бояд… (ҷавоби дурустро қайд намоед)

__________ Дар бораи гуноҳи худ афсӯс хӯрем.

____________ Барои гуноҳи худ пардохт диҳем.

____________ Назди Худованд омурзиш талабем.

__________ Кӯшиши фаромӯш намудани гуноҳро намоем

Чаро ин муҳим аст? ______________________________

______________________________

«Вақте ба назар мерасад, ки Худо хеле дур аст, муайян намоед, кқ аз кқ дур мегардад?»

17. Дар Забур 31:5 Довуд ибодат менамояд ва барои гуноіаш омурзиш металабад. Ин оятро бо суханони худ нависед.

______________________________

ҳаёти пирӯзмандро ба чунин тарз тасвир кардан мумкин аст:



Эътирофи гунох муносибат бо Худовандро барқарор месозад. | Муносибат бо Худованд вайрон шудааст.

18. Чӣ тавр шумо метавонед аз залилшавӣ канораҷӯӣ намоед? Масалҳо 4:13-15.

19. Кадом ду қадами дар Яъқуб 4:7 нишондодашуда ба шумо барои аз болои васваса пирӯз шудан кӯмак мерасонанд?

То ин ки итоаткори Худо бошед,
Шумо бояд иродаатонро мутеъи иродаи Худо созед.
То ин ки муқобили Иблис бошед,
Шумо бояд ҳама чизро барои пирӯзмандӣ, ки Худо бароятон дода аст истифода баред.

Шояд саволҳои оид ба гуноҳу васваса ба ёди шумо муҳорибаҳоеро оваранд, ки тез-тез шумо дучорашон мегаштед.

А. Боз як бор саволи 8-ро хонед. Решаи мушкилӣ дар соҳаи ҳаёти шумо, ки дар ҷавоб нишон додед, чист?

Б. Чӣ тавр васвасаи ба Худо итоат накардан дар соҳаи ҳаёти шумо ифода меёбад?

В. Шумо барои пешгирӣ намудани васваса, чӣ чораҳо андешида метавонед?

«... бар тибқи Рӯҳ рафтор кунед, ва шумо ҳавасҳои ҷисмро ба амал нахоҳед овард». (ба Ғалотиён 5:16)

**Хулоса**

Итоаткории шумо ба Худованд дар он далел асос меёбад, ки ӯ офаридгор асту шумо офаридаи ӯ. Шумо ба ӯ итоат менамоед, чунки ӯ Худо аст. Талаботҳои Худро Худо ба мо ба воситаи Библия мекушояд. Агар шумо он чизеро, ки Худо баҳри пирӯзмандиатон додааст, истифода мебаред, шумо метавонед дар итоат бо ӯ зиндагӣ намоед. Вале ин ҳоло маънии онро надорад, ки шумо аз васваса ва

гуноҳ эмин ҳастед. Агарчанде Худо новобаста ба гуноҳ доштанатон шуморо дӯстдорӣ менамояд, вале худи гуноҳ муносибати шуморо бо Худо вайрон мекунад. Ва ин муносибат танҳо таввасути омурзиши гуноҳ барқарор гашта метавонад.

***Боби дуюм.***

**Каломи Худованд дар ҳаёти Шумо.**

Шамшерро дар муҳориба моҳирона ҳам барои ҳуҷум, ҳам барои ҳимоя истифода бурдан мумкин аст. ҳамин гуна ярокро Худо барои муҳорибаи рӯҳонӣ ба шумо дод: «Шамшери рӯҳонӣ, ки он Каломи Худованд мебошад». Рӯҳулкудс Каломи Худро барои ба анҷом расондани кори Худо истифода мебарад.

*«Ҳама ташнагони рӯҳоният имрӯз ду эҳтиёҷ доранд: якум донистани Навиштаи Муқаддас (бе ин Худованд наметавонад ба мо ягон ҳақиқати наҷотбахшро кушояд); Дуюм маърифати Рӯҳулқудс (бе ин мо наметавонем ин Навиштаро фаҳмем)»* ***А. В. Тозер.***

**Худо бо мо тавассути Каломаш гап мезанад.**

Библия китоби аз ҳама олиҷаноб аст. Дар навиштани ӯ қариб чил одами касбҳои гуногун аз табақаҳои мухталифи ҷамъият ширкат варзидаанд. Ӯ тӯли 1500 сол бо се забон навишта шудааст; яҳудӣ, арамӣ ва юнонӣ. Вале бо ин ҳама тамоми Библия ба як мавзӯъ ва як шахсият – Исои Масеҳ бахшида шудааст. Ин танҳо он вақт имконпазир аст, ки китоб аз ҷониби як муаллиф навишта мешавад. Ва муаллифи Библия Рӯҳулқудси Худованд мебошад.

1. Дар 2 Тимотиюс 3:16 дар бораи Библия чӣ гуфта шудааст (варианти дурусти ҷавобро қайд намоед),
   - ❑ а. Ким- кадом қисми Библия илоҳист.
   - ❑ б. Тамоми Навишта илоҳист.
   - ❑ в. Танҳо он қисми Библия илоҳист, ки муаллиф шахсан ба шумо муроҷиат менамояд.

«Илоҳӣ» –ин маънии «Илҳоми Илоҳӣ»-ро дорад.

*«Ин маънии онро надорад, ки Худо ба нависанда илҳом дод, ва ин маънии онро надорад, ки ӯ ба ин калимаҳо ким-чӣ хел илҳом бахшид, то ин ки суханони аз ҷониби одамон навишташуда, аз Худи Худованд сар задаанд. ӯ ба воситаи онон сухан меронд. Онҳо қосидони ӯ буданд»* ***Ҷон Р.В. Скотт.***

2. Ба мо чӣ тавр Каломи Худованд дода шуд? 2.Петрус 1:20-21.
______________________________________________
______________________________________________

Кӣ  ба мо дар ин маврид ба фаҳмидани Библия кӯмак мерасонад? 1 Қуринтиён 2:12-13.

## **Назари умумӣ ба Библия.**

| | | |
|---|---|---|
| **Аҳди қадим (39 китоб)** | ҷадид дар қадим пинҳон<br>Мешавад, қадим дар ҷадид<br>Пурра мегардад» | **Аҳди ҷадид (27 китоб)** |

| **Таърих 17 китоб** | **Назм 5 китоб** | **Анбиёҳо 17 китоб** | | **Таърих 5 китоб** | **Мавъиза 21 китоб** | **Пешгӯк. 1ки- тоб** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шариат**<br><br>Ҳастӣ<br>Хуруҷ<br>Ибодат<br>Ададҳо<br>Такрори-шариат.<br><br>**Таърих ва подшоҳон**<br><br>Ёҳушаъ ибни Нун<br>Доварони Исроил.<br>Рут<br>Китоби1-уми Подшоҳон<br>2 Подшоҳон<br>3 Подшоҳон<br>4 Подшоҳон<br>якум Вақоеъ-нома<br>дуюм Вақоеънома<br>Эзро<br>Наҳемё<br>Эстер | Айюб<br>Забур<br>Масалҳо<br>Китоби Воиз.<br>Суруди сурудҳо. | **Анбиёҳои асосӣ.**<br><br>Ишаъё.<br>Ирмиё<br>Навҳаи Ирмиё.<br>ҳизқиём<br>Дониёл<br><br>**Анбиёҳои Хурд.**<br><br>ҳуша<br>Юил<br>Омӯс<br>Убадё<br>Юнус<br>Мико<br>Наҳум<br>ҳабаққуқ<br>Сафанё<br>ҳаҷҷи<br>Закариё<br>Малоки | Дар аҳди қадим интизор анд, ки Масеҳ худро дар салиб қурбон менамояд<br><br>Аҳди ҷадид дар он асос меёбад, ки Масеҳ ҳадафи Худро дар салиб анҷом дод. | **Инҷил**<br><br>Матто<br>Маркус<br>Луқо<br>Юҳанно<br><br>**Калисои аввалин**<br><br>Аъмол. | **Номаҳои Павлус**<br><br>Ба Румиён<br>1.кӯронтиён.<br>2.кӯронтиён.<br>Ғалотиён<br>Эфсӯсиён<br>Филиппиён<br>Кӯлассиён<br>1Таслӯникиён<br>2Таслӯникиён<br>1Тимотиюс<br>2Тимотиюс<br>Титус<br>Филемӯн<br><br>**Номаҳои умумк**<br><br>Ба Ибриён<br>Якуб<br>1 Петрус<br>2 Петрус<br>1 Юҳанно<br>2 Юҳанно<br>3 Юҳанно<br>Яҳудо | Ваҳй |

Дар тӯли 1500 сол Худо ба навиштани Библия 40 одамони гуногунро истифода бурд.

3. Чӣ тавр дар сурудҳои зерин Каломи Худованд тасвир меёбад?
Матто 24:35________________________________________
Юҳанно 17:17______________________________________
Ба Ибриён 4:12_____________________________________

**Саволҳо барои мулоҳиза.**

Бодиққат Забур 18:8-12-ро хонед. Дар омӯзиш аз ин ҷадвал истифода баред. На дар ҳар як оят ҷавобҳо ба ин савол ҳаст.

| Оят. | Роҷеъ ба чӣ Библия мегӯяд | Тасвир | Барои ман ин чӣ маънӣ дорад. |
|---|---|---|---|
| 7. | ***Таврот – комил аст-ҷон мебахшад*** | | |
| | ***Шаҳодат боэътимод аст-хирад мебахшад.*** | | |

***8.***________________________________________________
________________________________________________
9. ______________________________________________
________________________________________________
10.______________________________________________
________________________________________________
11.______________________________________________
________________________________________________

Дар ин ҷадвал ду-се фикрро дар бораи Худованд ба қайд гиред, ки ба шумо таъсири зиёдтаре бахшидаанд.

**Чӣ тавр Библия ба шумо ёрӣ медиҳад**

4. Оятҳои зеринро хонед ва нависед, ки чаро Библия барои масеҳӣ муҳим аст.

Ирмиё 15:16_____________________________________ Юҳанно 5:39_____________________________________
2 Петрус 1:4_____________________________________
1 Юҳанно 2:1_____________________________________

5. Аналогия –ин шакли фаҳмондадиҳии чизе ба воситаи қиёскунии ким-чизе ба ӯ монанд. Дар оятҳои зерин Каломи Худованд ба чӣ қиёс карда мешавад. Вазифаи ин ҷисмҳо чист?

| ҷисм | Вазифа |
|---|---|
| Ирмиё 23:29 | |
| Матто 4:4 | |
| Яъқуб 1:23-25 | |

## Масъулияти шумо

6. «Қуввати мӯъҷизаосои каломи Худо» чунин ном гузошта шуда буд ба таронаи саду ҳаждаҳуми Забур.

Амалан муаллиф дар ҳар як оят дар бораи Каломи Ӯ ва таъсири он ба ҳаёти мо гап мезанад. Ба амал ва муносибати Забурнигор, ки ба Каломи Худованд нигаронида шудааст, диққат диҳед. ҷадвали зеринро пур намоед.

| Оят | Муносибат | Амал |
|---|---|---|
| 9.__________________ | Риоя намудани Каломи Худо ҳаёти тоза | |
| 10. | Бо тамоми қалб Худовандро ҷустан. | Ибодат мекунам: «Маро аз раъям нагардон». |
| 11. | | Каломро дар дил ҷой кард. |
| 12. | Аз Худованд хоҳиш кард ӯро таълим диҳад. | |

13.________________________________________________

14.________________________________________________

15.________________________________________________

16.______________________________________________

7. Чӣ тавр мувофиқи Юҳанно 8:31 одам метавонад шогирди Масеҳ гардад?

________________________________________________

Чӣ тавр шумо ин суханонро ба дигар одамон маънидод карда метавонед?

8. Ҷадвалро пур намоед.

| Чӣ бояд кард? | Чаро? |
|---|---|
| Забур 27:5-7________________________________________ | |
| Аъмол 17:11 _______________________________________ | |
| Яъқуб 1:22 ________________________________________ | |
| Ваҳй 1:3 __________________________________________ | |

9. Эзро намунаи барҷастаи одамест, ки масъулиятро дар муносибат ба Каломи Худованд ҳис мекунад:

Муносибати ӯ ба Таврот чӣ гуна буд? Эзро 7:10.

Ба рафти амали Эзро диққат диҳед. Пеш аз он ки ӯ Тавротро ба дигар одамон таълим диҳад, онро дар ҳаёти шахсии худаш истифода бурд.

Таврот Эзро Дигарон

10. Ба Қӯлассиён 3:16-ро бодиққат хонед.

А. Кадом қадами амалиро шумо гузашта метавонед, то ин ки Каломи Масеҳ ба қалби шумо фаровон ворид шавад? (Мисол: Дар вақти ваъз қайдҳо кардан, оятҳои пештар аз худ кардаро дар қоғаз навиштан)

Б. Онҳоро аз рӯи моҳияташон ба шумо бо тартиб рақамгузорӣ намоед.

В. Чӣ тавр шумо метавонед ин ҳафта ду усули аввали номбаркардаатонро дар амал истифода баред?

Ин панҷ усули дарккунии Навиштаи Муқаддас метавонад ба шумо ёрӣ расонад, то ки шумо Каломи Худовандро сахт қапед.

## Муҳимияти андешаронӣ

Андешаронӣ- ба муроқаба рафтан ба мақсади фаҳмидан ва дар оянда истифода бурдан. Мақсад ин тобеъ будани ҳаёти шумо ба иродаи Худованд тавассути андешаронии ибодатомези шумост дар бораи он ки Шумо чӣ тавр Каломи Худовандро дар ҳаётатон истифода бурда метавонед.

11. Еҳушаъ ибни Нун 1:8 –ро хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб гӯед:

А. Чӣ бояд мавзӯи андешаронии шумо бошад?

Б. Кӯтоҳакак алоқаи байни андешаронӣ  таҷрибаи амалиро тасвир намоед.

В. Маҳсули андешаронқ чӣ гуна аст?

12. Дар бораи Забур 1 андеша ронед ва он чиро, ки кашф намудаед, нависед. Дар ин кор ба шумо саволҳои зерин кӯмак мерасонанд:

Чӣ тавр масеҳӣ ба дарахт монанд шуда метавонад?

Фарқияти байни одамони Худотарсу Худонотарс дар чист?

Кадом падидаҳои нав аз ин Забур ба шумо дар муносибати тарафайнатон бо Худованд ёрӣ мерасонад?

Расмро тасвир намоед, ки дар он мазмуни оятҳои 2 ва 3 акс ёбанд.

**Хулоса**

Худо бо одам бо воситаи Каломи Худ-Библия гап мезанад. Вай дар ҳамаи саволҳо оид ба имон ва рафтор боэътимодтарин мебошад. Ба воситаи он Навиштаи Муқаддас шумо метавонед Худоро аз наздик шиносед, нақшаи Ӯро дар бораи ҳаётатон фаҳмед ва ҳақиқати навро дар бораи зиндагӣ барои Ӯ кашф намоед. Худо ба имондорон васият намуд, ки онҳо бояд аз Каломи Ӯ пур бошанд. Бинобар ин бо дилу ҷон бояд имон дод, ки Каломи Худованд тамоми ҳаёти Шуморо саршор намояд. Худованд диққати асосиро ба андешаронӣ дар бораи Каломи Ӯ равона месозад, чунки андешаронии маҳсулнок ба истифодабарии амалии шахсии Каломи Ӯ оварда мерасонад. Андешаронӣ ва истифодабарӣ  на танҳо барои «Ба Библия ғӯттавар шудан»-и Шумо ёрӣ мерасонад, балки кӯмак мерасонад, ки Библия ҳам «ба Шумо ғӯттавар» гардад. Боз бештар дар бораи боэътимодии Каломи Худованд Шумо аз китоби панҷум маълумот мегиред.

***Боби 3.***

## Муносибат бо Худованд.

Муносибат қисми ҷудонашавандаи ҳамагуна  муносибатҳои тарафайни инкишофёфтаистода мебошад, аз он ҷумла муносибати

тарафайни мо бо Худованд. Ва воситаи муносибати мо бо Ӯ –ин ибодат аст.

Замоне ки шумо ибодат мекунед, Рӯҳулқудс ба Шумо кӯмак мерасонад, ки дар бораи чӣ ва чӣ гуна гап занед. (Ба Румиён 8:26-27)

*«Рӯҳ бо мо дар ибодатамон яклухт мегардад. Мо метавонем ва авфи Ӯ аз они мо мегардад. Мо метавонем дорои санъати ибодат шавем ва фалсафаи Ӯро фаҳмем; дар мо метавонад боварии қатъӣ дар ҳақиқӣ ва асоснок будани Каломи Худованд, дар бораи ибодат пайдо шавад. Ва мо метавонем оромона ибодат намоем. Агар мо вазифаи Рӯҳулқудсро рад намоем, он вақт умуман ҳеҷ чизро ба даст оварда наметавонем».*

**Ҷ. Освалд Сандерс.**

**Ибодат муносибати Шумо бо Худованд аст.**

1. Ҳамчун имондор Шумо метавонед аз муносибат бо Масеҳ лаззат баред. Ба шумо имконияти махсус дода шудааст. Ин чӣ гуна имконият аст ва он чаро ба шумо дода шудааст. (ба Ибриён 4:16)

______________________________________________

______________________________________________

2. Мо онро ба назар гирифта, ки Худованд паноҳгоҳи имондорон аст, чӣ кор бояд кунем? Забур 61:9

______________________________________________

______________________________________________

Чӣ тавр ин оят ба 1 Таслӯникиён 5:17 ҳамоҳангӣ дорад?

______________________________________________

3. Барои он ки фикрҳои гуногуншакли худро баён намоед, барои шумо намудҳои гуногуни дуо лозим аст. Муқобили ҳар як намуди дуо ояти ба ӯ мувофиқро нависед.

Забур 37:19; ба Ибриён 13:15; Яъқуб 1:15; Эфсӯсиён 5:20; китоби 1 Подшоҳон 12:23.

Мадҳу санои Худованд (барои он ки Ӯ кӣ аст) _________

Шукргузорӣ (барои он ки Ӯ чӣ кор кард) _____________

Талаби омурзиш кардан, тавба кардан _______________

Дуо барои одамони дигар __________________________

Дуо барои эҳтиёҷоти шахсии худ.___________________

**Манфиати дуо.**

Масеҳиён на танҳо имтиёз доранд, ки бо Худованд дар бораи ҳама чиз гап мезананд, балки инчунин метавонанд аз ин муносибати худ бо Ӯ манфиатҳои азиме бардоранд.

4. Дар бораи кадом ҳақиқат шумо аз Ирмиё 33:3 ва Эфсӯсиён 3:20 огоҳӣ меёбед?

Васият: аҳд.

5. Натиҷаи дуои Забурнигор чӣ гуна буд? Забур 33:5.

Дар бораи кадом тарси худ шумо бо Худованд гуфтугӯ карда метавонед?

6. Дар Филиппиён 4:6-7 Павлус дар бораи калиди пурқувват ва озодӣ аз ноороми менависад.

А. Шумо бояд чӣ кор кунед?

Б. Чаро Шумо чунин мешуморед, ки Худованд ба ҳама паҳлӯҳои ҳаёти шумо марок дорад?

В. Ваъдаи Худованд нисбати Шумо чист?

Г. Чӣ тавр шумо метавонед ҳаддалимкон ба истифодаи ин ҳақиқат дар амал даст занед?

Талабнома: дуо, илтиҷо

**Шароити дуо.**

7. Дар бораи кадом шароитҳои дуо шумо дар оятҳои зерин мехонед?

Забур 65:18 ________________________________________

Матто 21:22 ________________________________________

Юҳанно 15:7_________________________________________

Юҳанно 16:24 ______________________________________

1Юҳанно 5:14-15 ___________________________________

Зистан; идома додан, сокин будан, сахт муаасир шудан.

Вале ҳатто он вақте, ки дуоҳои Шумо ҳамаи ин шароитҳоро қаноатбахш мегардонад, баъзе вақт ба назар мерасад, ки Худованд ба он ҷавоб намегардонад. Вале набояд фаромӯш кард, ки «не» ва «интизор шав»-чунин ҷавобҳоянд, Монанди «ҳа»

**Саволҳо барои андеша.**

Намуди дуоро, ки Исо дар Матто 6:9-13 овардааст, хонед.

А. Дуо чӣ тавр оғоз меёбад? Чаро ин муҳим аст?

Б. Дар маркази кадом талабнома Худо меистад?

В. Дар маркази кадом талабнома одам меистад?

Г. Мушшахасона ин намуди дуо ба Шумо дар дуо кардан чӣ гуна ёрӣ мерасонад?

---

**Барои кӣ Шумо дуо мекунед?**

8. Хоҳиши Павлус дар бораи ононе, ки то ҳол Масеҳро намедонанд, чӣ гуна буд? ба Румиён 10:1

Вай чӣ кор кард, то ин хоҳиш амалӣ гардад?

9. 1 Тимотиюс 2:1-4-ро хонед. Оиди кадом гурӯҳи одамон Шумо бояд дуо кунед? Чаро?

10. Хоҳиши Худованд оиди ҳаёти дуогӯи Шумо чӣ гуна аст? Матто 9:37-38

Шумо чӣ фикр доред? Чаро ин муҳим аст?

11. Одатан Шумо чӣ кор мекунед, вақте ки касе Шуморо меранҷонад?

Аксуламали аввалини худро қайд кунед.

- ❑ Нисбати ин одам ба ғазаб меоям.
- ❑ Дар бораи қасос фикр мекунам.
- ❑ Барои сафед кардани амали ин одам ҳар гуна чизҳо фикр мекунам ва кӯшиш менамоям, ки ин масъаларо фаромӯш созам.
- ❑ Барои ӯ дуо мекунам.
- ❑ Авф мекунам, вале фаромӯш намесозам.
- ❑ Аксуламали дигар:______________________________

Луқо 6:28-ро хонед ва аксуламали дурустро қайд намоед.

12. Дуои Павлусро дар Эфсӯсиён 3:14-21 хонда, нависед, ки Шумо барои худ ва дигарон дар бораи чӣ дуо мекунед.

______________________________________________

______________________________________________

Оё шумо аз рӯйхати дуоҳо истифода мебаред? Ин рӯйхат ба шумо барои ба хотир овардани он чизе, ки тасодуфан фаромӯш карданатон мумкин аст, ёрӣ мерасонад.

Ба он дохил шуда метавонад:

- Оилаи шумо;
- Дӯстон ва шиносони шумо ки то ҳол Масеҳро намешиносанд;
- Роҳиб ва калисои шумо;
- Рақибони шумо;
- ҳукумати шумо;
- Эҳтиёҷоти шахсии шумо;

*«Мо бояд дуо гӯем, вақте ки мехоҳем, чунки ин сирф гуноҳ аст, агар мо ин имконияти аҷоибро инкор кунем. Мо бояд дуо кунем, вақте ки намехоҳем, чунки дар ин вазъияти носолим будан хатарнок аст».*

***Чарлз Г. Сперджен.***

## Муомилаи рӯзмарра бо Худованд.

«Ҳамин тавре, ки Худованд Одамро баъди гуноҳ содир карданаш ҷуст «Куҷои Ту?» (Ҳастӣ 3:9) ҳамин тавр Ӯ имрӯз низ одамонро меҷӯяд «Куҷоед шумо?» Он чиз, ки он вақт ҳақиқат буд, ҳоло низ ҳақиқат аст: Худованд, ки барои аъзои оилаи ӯ шудани шумо арзиши гаронеро пардохтааст, шуморо дӯст медорад, ва ташнаи муносибату муомилаи шахсӣ бо шумост. Ин муносибат он вақт имконпазир мегардад, ки шумо роҳи пешниҳодкардаи Худовандро дар бораи бартараф намудани гуноҳ – яъне даъват намудани Исои Масеҳро барои ворид гаштан ба ҳаётатон, қабул менамоед».

13. Чӣ тавр Шумо бояд назди Худованд оед?

Забур 26:8______________________________________

Забур 45:11 ____________________________________

Забур 62:2 _____________________________________

Дар бораи кадом ҳақиқат дар ин расм гап меравад?



14. Луқо 10:38-42-ро хонед

А. Амали Марям ва Марторо муқоиса намоед.

| **Марям** | **Марто** |
| --- | --- |
| | |

Б. Рафтори киро Исо пазируфт? Чаро?

В. Монанди Марто шуморо низ корҳои гуногун ҷалб карда метавонанд. Чӣ шуморо метавонад аз вохӯрӣ бо Худованд ба дигар тараф ҷалб кунад?

Г. Шумо бояд чӣ кор кунед, ки ин монеъаро бартараф намоед?

16. Боз як бори дигар дар бораи муҳимияти муносибати рӯзмарра бо Худованд фикр намоед. Якчанд сабаберо номбар кунед, ки аз рӯи онон шумо бояд рӯзмararра бо Худованд дар тамос бошед, дар бораи Каломи Ӯ фикр кунед, бо Ӯ дар дуо гуфтугӯй намоед.

*«Имондор новобаста аз таҷрибааш, наметавонад ҳамин тавр назди Худованд пок истад, агар дар бораи бо ӯ вақташро гузаронидан талош насозад… Чӣ қадар метавонед бо ӯ бештар дар алоқа бошед. Шумо метавонед, дар бораи чизе ё касе фаромӯш намоед, вале дар бораи ӯ фаромӯш нанамоед.»*

***Освалд Чамберс.***

**Хулоса**

Худованд ба мо дуоро ҳамчун алоқаи бевосита бо ӯ дод. Масеҳ-Кашиши бузурги аввал ва Миёнарав ба масеҳиён имконият дод, ки «боҷасорат ба тахти баракат майл кунанд». Дуо метавонад,

шаклҳои гуногунро қабул намояд. Мисол: Ситоиш, шукргузорӣ, тавба намудан, миёнаравӣ намудан, талаб намудан ва ғайра. ҳамаи онҳо шуморо ба Худованд наздик менамояд. Алоқа бо Худовандро рад нанамоед. Худованд бо Шумо гап задан мехоҳад ва Шумо бояд бо фазилати Ӯ сабзед. Барои Шумо бисёр лозим аст, ки вақтатонро бо Худованд дар алоҳидагӣ гузаронед.

***Боби чорум.***

## Муносибат бо масеҳиён.

*«Калисо ин бадани Масеҳ аст. ҳар як масеҳӣ аъзои ин бадан аст, ва Масеҳ он аст. ҳар як аъзо амали худро ба анҷом мерасонад, ки бе он мавҷудияти солимии бадан имконнопазир аст. Бештар аз ин тамоми бадан аз як сарчашмаи ҳаёт амал мекунад. Ин сарчашма Рӯҳулқудс аст. Мавҷудияти ӯ ҳамаи аъзоҳоро дар ягонагӣ муттаҳид месозад»*

***Ҷон Р. В. Стотт.***

## Библия дар бораи муносибат чӣ мегӯяд

1. 1. Юҳанно 3:1-ро хонед. Агар Шумо писари Худовандед, ва Ӯ Падари ҳамагон, ин вақт муносибати шумо бо дигар имондорон чиро мефаҳмонад?

2. «Муносибат» бо юнонӣ «кайнония» мешавад, ки ин маънии «дар кори умумӣ иштирок намудан, ақидаи худро баён намудан»-ро дорад. Худованд ба шумо имкониятҳои зиёдеро додааст, то ба дигар масеҳиён дасти ба даст шуда корҳоро ба сомон расонед. Оятҳои дар саҳифаи дигар омадаро хонед ва нависед, ки шумо чиро бо дигар одамон бо ҳам дида метавонед ва ин корро шумо чӣ тавр ба анҷом расонида метавонед.

| Бо ҳам дидан | Чӣ тавр |
|---|---|
| Яъқуб 5:16 Муҳаббат ва навозиш намудан | ҳамсояро ба чой даъват |
| 1. Юҳанно 4:11,21 ________________ | ________________ |
| ғалотиён 6:2 ____________________ | ________________ |
| ғалотиён 6:6____________________ | ________________ |

Рӯҳонӣ: зери сарварии Рӯҳ.

3. Лаҳзаеро ба ёд оред, ки шумо касеро барои бароятон ёрӣ додан рухсат надодед. Вақте ки шумо хоҳиши ёрӣ расонидани ин одамро рад намудед, амал ва муносибати дили шумо чӣ гуна буд.

Рафти ёрӣ аз додан ва қабул кардан иборат мебошад. ҳам ин ва ҳам он қисмҳои муҳими муносибати солим мебошад.

4. Масеҳиён барои он вақтро якҷоя мегузаронанд, ки онҳо гунаҳкорони авфкардашудаанд-авфкардашуда, вале боз ҳам гунаҳкор. Пас дар ин лаҳза масъулияти Шумо чӣ гуна аст, агар Шумо касеро ранҷондед?

Матто 5:22-24.

Рака: ифода кардани танаффур нисбати касе.

Шумо бояд чӣ кор кунед, агар касе Шуморо ранҷонад? Матто 18:15,35.

Масеҳиён бояд софдилона ҳаёти худро назди якдигар кушоянд. Шумо набояд кӯшиш намоед, худро касе нишон диҳед, ки ӯ нестед.

«Калисо ягона ҷаъмиятест дар дунё, ки ин ҷо ҳар як аъзояш носазовор аст» **Роберт Б. Мунгер.**

5. Чунин ҳолатро пеши назар оред. Дар як ҳуҷра якчанд масеҳӣ нишастаанд, онҳо қаҳва менӯшанд, чормағзи ширин мехӯранд ва бозии охирини футболро дар мусобиқаи ҷаҳонӣ муҳокима менамоянд. Пас сӯҳбат ба мавзӯи «кадом ҳайвонро дар хона доштан хуб аст» мегузарад. Касе латифаи навро нақл мекунад. ҳама механданд ва боду ҳаворо барои пагоҳ муҳокима менамоянд. Рафта – истода касе мегӯяд: «Чӣ хел бо масеҳиён вақт гузаронидан хуб аст!»

А. Оё ин муносибати ҳақиқии масеҳӣ буд?

Б. Чаро?

В. Оё инро кардан мумкин аст? Агар ҳа, пас чӣ хел?

## Мақсади муносибат

6. Баро чӣ муносибатҳо муҳим аст?

Масалҳо 27:17________________________________________

Воиз 4:9-10 ______________________________________

7. Мақсади вохӯрии имондорон чист?

Ба Ибриён 10:24-25.

8. Дар вақти омӯзиши ягон оят бисёр вақт аз манфиат холӣ нест, агар мо аз Библия дигар оятҳоро, ки ба он алоқаманданд, пайдо кунем. Чунин оятҳо «ҷойҳои параллелӣ» номида мешаванд. ҷойҳои параллелӣ дар ба Ибриён 10:24, 25-ба Ибриён 3:13 мебошанд. Ин оятҳои параллелро хонда истода, маънидод кунед, ки чаро мо рӯзмарра бояд якдигарро насиҳат кунем?

9. Чаро муносибати шахсон ба Шумо муҳим аст?

**Бадани Масеҳ**

10. Худованд қиёси баданро барои он истифода бурд, ки ин муносибати тарафайни одамони имондорро ба якдигар ва Масеҳ тасвир намояд. Сари бадан кист? Чаро? Ба Қӯласиён1:18.

11. Дар бадани рӯҳонӣ, дар калисо, дар ҳар як шахси имондор вазифаи хеле муҳим ҳаст.

1. Қуринтиён 12:14-27-ро хонед.

А. Кӣ ба аъзоён амалҳои гуногунро дод. Ояти 18.

Б. Хоҳиши ӯ чист? Ояти 25

В. Чӣ гуна муносибат носозиро дар бадан ба миён меорад? Оятҳои 15, 16, 21

Г. Оё дар бадан аъзоҳои нолозим ҳастанд? Оятҳои 20-22

**Саволҳо барои андеша.**

Фикр кунед, чӣ рӯй медиҳад, агар Шумо бо болға ба ангуштатон мекӯбед? Ин ба дигар аъзоҳои бадан чӣ гуна таъсир мерасонад?

Ин мисол ба бадани рӯҳонӣ чӣ гуна муносибат дорад?
1 Қуринтиён 12:26.

12. Бо вуҷуди он, ки бадан як чизи яклухт аст, вай аз аъзоҳои гуногун, ки ҳар кадомаш амалҳои гуногунро доранд, иборат мебошад. Кӯтоҳакак бо якчанд ҷумла маънидод кунед, ки чӣ тавр дар як бадан яклухт ва гуногунмазмунӣ вуҷуд дошта метавонад.

13. Мувофиқи Эфсӯсиён 4:2-3 чӣ дар бадан ягонагиро нигоҳ дошта метавонад?

14. Дар бораи муносибататон бо дигар масеҳиён фикр кунед. Оё чунин одаме ҳаст, ки ба Шумо барои бо ӯ бо муҳаббат муносибат кардан душворӣ мекунад? Чаро?

Шумо чӣ чораҳоро меандешед, то ин ки дар муносибати тарафайни Шумо бо ин одам ҳамоҳангӣ пайдо шавад?

«Чӣ хуш аст ва чӣ дилпазир, ки бародарон дар як ҷой ҳамнишин бошанд». Забур 132:1.

**Калисои мулкдор**

15. Дар бораи кадом намуди фаъолияти калисоҳои Ерусалим дар Аъмол 2:42 гап меравад?

Хусусиятҳои калисоҳои аввал инҳо буданд:

**(1) Саховатмандӣ (2) Ибодат (3) қудрат**

16. Ба Эфсӯсиён 4:11-13-ро хонед. Кӣ муқаддасонро таъин менамояд, то ин ки кори хидматгузориро иҷро намоянд?

Мақсади асосии хидматгузории масеҳӣ чист? Сураи 13.

ҳavворӣ Ба




17. 1 Петрус 5:1-5-ро бодиққат хонед. Дар ин порча барои сарварон ва аъзоёни «рама» супоришот аст. Аз ҷадвал истифода бурда тарзи дуруст ва нодурусти сарвариро муқоиса намоед. Оятҳои 2-3.

| **Оят** | **Тарзи дуруст** | **Тарзи нодуруст** |
|---|---|---|
| | | |

Масъулияти Шумо назди пирони Рӯҳонӣ чист? Сураи 5.

Тамаъи қароҳатомез: ҳарисии мол

18. Дар Қӯлассиён 4:3-4 дар бораи хидматгузориаш ибодат менамояд.

А. Ин ибодатро бо суханони худ нависед.

Б. Муддате таваққуф намоед ва барои шиноси масеҳиатон дуо намоед. Ин одам чӣ ном дорад?

В. Шумо ин ҳафта чӣ кор карда метавонед, то ин ки онеро, ки Шумо ба масеҳӣ шудан ҳидоят менамоед, муассир гардонед?

19. Рӯҳулқудс ба воситаи Павлус дар дастгирии ононе, ки Худо барои вазъ ва таълим таъин намуд, чӣ мегӯяд? 1Қӯринтиён 9:11,14.

Оё Шумо аз он чизи Худо додагӣ як қисматашро ба Ӯ бармегардонед? Худо дар бораи дастгирии муаллимони рӯҳонӣ бо дуо ва моддиёт чӣ мегӯяд?

---

*«Ҳар як масеҳӣ бояд чунин калисоеро барои худ пайдо намояд, ки бо ақидаи ӯ вай он ҷо метавонад, дорои имконияти беҳтарин барои инкишофи рӯҳониаш, дорои қаноатмандӣ аз талаботҳои инсониаш ва дорои беҳтарин имконият баҳри хидматгузории одамони атрофаш гардад»*

***Билли Грем***

## Хулоса.

Муносибати ҳақиқӣ дар консепсияи додану гирифтан асос меёбад. Шумо метавонед, ҳамаи он чизеро, ки Худованд ба Шумо дод, ба одамон бо ҳам бинед; авф намудан, боигарӣ, муҳаббат, Калом ва боз бисёр чизҳои дигар. Худованд ба одамон муносибатро барои панду инкишофи тарафайни мо дод. Ӯ мехоҳад, ки масеҳиён дар ягонагӣ ва ҳамоҳангӣ зиндагӣ намоянд. То ин ки мо ин алоқаро ба хубӣ дарк намоем, Худованд қиёси баданро истифода мебарад. Исои Масеҳ сари баданест, ки аз ҳамаи имондорон ташкил ёфтааст. ҳама масеҳиёни дунё ба бадани Масеҳ дохил мешаванд, вале ба мо фаҳмидани ин муҳим аст, ки Худо мехоҳад, то ин ки мо ба гурӯҳҳои начандон калони махсуси имондорон дохил шавем. Ин қабил гурӯҳҳо бо мақсади таълим додан, ёрӣ расондан, итоат намудан ва хидмат намудан вуҷуд доранд. Худо ба мо сарварони рӯҳониро дод, то ин ки бо кӯмаки онҳо мо тавонем дар Масеҳ инкишоф ёбем ва дар хидматгузорӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ расем.

***Боби панҷум.***

## Шаҳодати Шумо дар Масеҳ.

*«Одамро на одам, балки Рӯҳулқудс мубаддал мегардонад. Мо фиристодагони имтиёздори Исои Масеҳ метавонем танҳо пайғоми даҳониро бирасонем; вале бо шахсият ва ҳаётамон мо метавонем нишон диҳем, ки баракати Исои Масеҳ ба чӣ қодир аст… вале мо ҳеҷ вақт набояд фикр кунем, ки рӯҳи одамро мубаддал гардонидем ва одамро ба назди Исои Масеҳ овардем… зеро ҳеҷ кас наметавонад Исоро Худованд номад, танҳо ғайри Рӯҳулқудс»* ***Пол Литтл***

**Даъват.**

1. Дар Маркӯс 5:18-19 ба суханони Исо ба одаме, ки ӯ навакак ӯро шифо бахшид, диққат диҳед.

А. Ӯ вайро ба куҷо фиристод?

Б. Ӯ Ба вай чӣ кор карданро гуфт?

Шумо чӣ фикр доред, чаро Исо ин тавр рафтор намуд?

2. Шумо чиро ҳис мекунед, вақте кор то ба шаҳодат мерасад? (Ё ҷавоби мувофиқро қайд намоед, ё фикри худро нависед)

___ Ба ман гуфтани ин кори шахсӣ мушкил аст.

___ Ман то он вақте намегӯям, ки агар ягон касе аз ман онро напурсад.

___ Ман бо осонӣ дар бораи Исо бо одамони ношинос гап мезанам, вале на бо дӯстони наздикам.

___ Ман тез-тез бо одамон дар бораи Исо гап мезанам ва ин ба ман маъқул аст.

Ба фикри Шумо ба ин савол Петрус чӣ гуна ҷавоб медиҳад? Аъмол 4:20

3. Баъзан ба назари Шумо мерасад, ки барои самарабахш шаҳодат додан, бояд ҷавобҳои ҳамаи саволҳоро донист. Шумо бо одамон чиро бо ҳам дида метавонед? 1 Юҳанно 1:3.

Бо кадом мақсад?

Шумо чӣ тавр кӯтоҳакак он чизи муҳимеро, ки дар бораи Масеҳ дидаед ва шунидаед баён карда метавонед.

4. Амали одамонро муқоиса намоед.

| | **Чӣ тавр онҳо рафтор намуданд?** | **Чаро?** |
|---|---|---|
| ҳукуматҳо<br>Юҳанно 12:42-43. | | |
| Павлус.<br>(Ба Румиён 1:15-16) | | |

5. 2. Қуринтиён 5:9-14-ро бодиққат хонед. Дар ин порча Павлус якчанд сабабҳоро барои шаҳодатдиҳӣ номбар менамояд. Инҳо кадом сабабҳоянд?

Ояти 9 ____________________________________________
Ояти 10 ___________________________________________
Ояти 11 ___________________________________________
Ояти 14 ___________________________________________

> «Шумо метавонед, танҳо он вақт шаҳодат диҳед, ки тамоми диққататон ба Исо нигаронида шуда бошанд. Баъд ба Шумо лозим меояд, ки ба одамон чизи дидаатонро нақл намоед»
>
> **Лорн Санни.**

**Шумо чӣ тавр метавонед, дар хидмати ноқускӯбӣ муваффақият ба даст оред?**

> «Худованд баъзеҳоро ҳимоякунанда таъин намуд, вале ҳамаро – шоҳид»

Шаҳодат додан – ин танҳо ким-кадом коре нест. Ин тарзи ҳаёт аст. Масеҳиён шаҳодат намедиҳанд, онҳо бояд шоҳид бошанд. Шоҳид метавонад хуб ё бад бошад. Шумо чӣ тавр беҳтар дар бораи Исои Масеҳ шаҳодат дода метавонед?

**Шаҳодати бомуҳаббат.**

6. Дар 1 Қуринтиён 13:4-7 тавсифи муҳаббатро хонед. Кадоме аз се ба ақидаатон ба Шумо барои бомуваффақият шаҳодат додан кӯмак мерасонад?

______________________________________________________

______________________________________________________

______________________________________________________

7. Юҳанно 13:34-35-ро хонед. Худро дар ҷои яке аз ҳавворихо тасаввур намоед. Худи ҳозир Исо ин гуна намуд. Фикри аввалини Шумо чӣ гуна аст?

______________________________________________________

______________________________________________________

Шумо чӣ фикр доред, чаро Исо чунин васият намуд?

______________________________________________________

Баъзе одамон ҳеҷ гоҳ  Библия намехонанд ва гоҳ-гоҳ ба калисо мераванд. Агар Шумо мехоҳед, онҳо донанд, ки Исои Масеҳ дар ҳаёти онҳо чӣ кор карда метавонад, Шумо кори кардаи ӯро дар ҳаётатон нишон диҳед.

**Шаҳодат бо ҳаёт.**

8. Натиҷаи корҳои некии Шумо чӣ гуна хоҳад буд? Матто 5:16.
9. 2 Қуринтиён 3:1-3-ро хонед. Павлус дар бораи Масеҳиён дар Қуринтиён чӣ гуфт?

Шумо чӣ фикр доред, оё одамон шаҳодатро дар ҳаёти Шумо мебинанд? Чаро?

> « Бо кор ва сухани худ Шумо ҳар рӯз бобе дар Инҷил менависед. Одамон онро-ғалат ё ҳақиқат мехонанд. Кадом Инҷилро Шумо менависед?»

**Шаҳодат бо сухан.**

10. Дар 1 Петрус 3-15 Шуморо барои шаҳодат даъват менамоянд ва барои ин кор ба Шумо роҳ нишон дода мешавад.

11. Дар 1 Қуринтиён 2:4-5 Павлус ким чизи муҳимеро дар бораи шаҳодат мегӯяд. Ин оятро бо сухани худ нависед.

12. Нобиное, ки Исо ба ӯ шифо бахшид, агар дониши диние дошта бошад ҳам, на он қадар бисёр буд. Вале бо вуҷуди он ӯ метавонист он чизи ба ӯ рӯйдодаро оддӣ ва амалан нақл кунад. ӯ чӣ гуфт?

> *«Бо рафтори хубам ман наметавонам ба одамон дар бораи марги омурзонанда ва эҳёшавии Исо, дар бораи имондорӣ ба Илоҳияти ӯ нақл намоям. Дар ин маврид бисёр диққат ба ман равона карда мешуд ва хеле кам ба ӯ»* ***Самуил Шумейко.***

**Таърихи Павлус.**

Бо вуҷуди он ки Павлусро барои тарғиби Инҷил доимо ба зиндон мепартофтанд, ӯ сабаби масеҳӣ гаштану ба Масеҳ рӯй оварданашро дар ҳар мавриди қулай нақл менамуд.
Шаҳодати Павлусро ба шоҳ Ағрипос дар Аъмол 26:1-29 хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

13. Павлус аз чӣ нақлашро оғоз намуд? Ояти 2-3
14. Тарбия ва дониши ӯ чӣ гуна буд? Оятҳои 4-5,9-11.
15. Кадом ҳодиса ҳаёти Павлусро иваз намуд? Оятҳои 12-15.
16. Павлус чӣ тавр Инҷилро шарҳ медиҳад? Ояти 23.

**Инҷил чист?**

> «… ки яъне Масеҳ, мувофиқи Навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо мурд, ва ӯ  дафн карда шуд ва мувофиқи навиштаҳо, дар рӯзи сеюм эҳё шуд»
>
> 1 Қуринтиён 15:3,4.

17. Павлус ба Ағрипос кадом саволро дод? Чаро ин савол ин қадар муҳим аст. Ояти 27.

**Таърихи Шумо.**

Акнун, ки Шумо медонед, Павлус чӣ тавр таърихашро нақл намуд, Шумо низ таърихатонро кӯшиши нақл кардан намоед. ҳикоя дар бораи чӣ тавр масеҳӣ шудани Шумо, метавонад беҳтарин шаҳодат шавад. Ин усул бисёр таъсирбахш аст, вақте ки Шумо дар бораи Исои Масеҳ ба хешу табор ва дӯстон нақл менамоед.
Дар бораи Исо нақл карда истода:

- Тарғиб нанамоед. Бигзор ин сӯҳбати орому «сидқӣ» бошад. Дар бораи он ки Масеҳ ба Шумо чӣ кор кард, нақл кунед. Бештар ҷонишинҳои «ман», «ба ман», ва «азони ман»-ро барои як муддат беҳтараш фаромӯш намоед.

- Бисёр тӯлонӣ гап назанед. Дар зарфи 3-4 дақиқа ҳама далелҳоро овардан мумкин.
- Масеҳро дар ҷои аввал гузоред. Он чиро, ки ӯ ба Шумо намуд, қайд намоед.
- Каломи Худовандро истифода баред. Як-ду оят аз Навишта ба нақли Шумо қудрат мебахшад. Дар хотир нигоҳ доред, Каломи Худованд монанди шамшери дудама аст.

**Чӣ тавр бояд шаҳодатро дод**

Дар саҳифаи дигар Шумо шаҳодататонро тарзе нависед, ки Шумо онро гӯё ба шахси беимон нақл намудед. Бигзор шаҳодати Шумо возеҳу равшан бошад, то ин ки шунаванда бо осонӣ фаҳмида тавонад, ки чӣ тавр Масеҳро дар қалб қабул кардан мумкин аст.

Каме аз ҳаёти пеш аз имондориатон ба Исои Масеҳ нақл намоед: Сипас дар бораи имондор шуданатон ва чӣ тавр ба ӯ имон оварданатон ; дар хотима якчанд сухан дар бораи «донистани ӯ», авфи гуноҳҳо, кафолати ҳаёти абадӣ  ва дар бораи он ки чӣ тавр ҳаёти Шумо иваз шуд. Агар Шумо хеле пеш масеҳӣ шудаед, ёдовар шудани онро фаромӯш насозед, ки Худованд имрӯзҳо дар ҳаёти Шумо чӣ корҳо мекунад.

Шаҳодати худро тайёр карда истода, аз Худованд хоҳиш намоед, ки ба Шумо имконияти бо ҳам дидани онро диҳад. Барои ду-се шиносатон аз ҳавлӣ, аз кор, аз мактаб, ки ба онҳо дар бораи Исои Масеҳ нақл кардан мехоҳед, дуо намоед. Бигузор онҳо одамони аввалине шаванд, ки аз Шумо дар бораи Исои Масеҳ мешунаванд.

**Шаҳодати ман.**

Пеш аз он ки ман ба Масеҳ имон овардам: ____________________

________________________________________

Чӣ тавр ман ба Масеҳ имон овардам:

Пас аз он ки ман ба Масеҳ имон овардам:

---

Вале дар хотир нигоҳ доред, ки Шумо худатон қудрати ба одам талқин кардани ҳақиқати рӯҳониро надоред. Рӯҳулкудс беимонро ба

зарурияти дарки Масеҳ талқин менамояд(Юҳаннно 16:8) Вақте, ки Шумо барои он одаме, ки барояшон шаҳодат додан мехоҳед, дуо менамоед, аз Худо хоҳиш намоед, дар Каломаш истад, гунаҳкор будани ононро талқин созад ва мавқеи шаҳодатдиҳии Шуморо дастгирӣ намояд.

Дар китоби шашум Шумо бештар дониста мегиред, ки чӣ тавр ба дигарон дар ёфтани Масеҳ ёрӣ додан мумкин аст.

> *«Тамоми моликиятамро ман ба оилаам васият менамоям. Ва боз баъзе чизро ба онҳо мондан мехоҳам, имон ба Исои Масеҳро. Агар онҳо имон доранд, онҳо бой мешаванд, Агарчанде ман ба онҳо пайсае ҳам намемондам, вале агар онҳо имон надоранд, ман ба онҳо тамоми сарвати дунёро ҳам медодам, онҳо қашшоқ мемонданд»*
>
> ***Аз васияти Патрик Генри.***

## Хулоса.

Ба ҳар як масеҳӣ Худованд имконияти онро додааст, ки шоҳиди он гардад, «чиро дидааст» ва чиро шунидааст. (1Юҳанно 1:3) Шаҳодат – ин тарзи ҳаёт аст. Шумо мунтазам шаҳодат медиҳед. Муҳаббат – ин беҳтарин усули расондани муҳаббати Масеҳ ва ғамхории сидқии Шумост. Шумо бояд тамоми ҳаётатонро шаҳодат диҳед. Амал бештар ҷавобгӯй аст, нисбати сухан. Вале танҳо як амали Шумо барои расондани Инҷили Исои Масеҳро ба одамон кифоя нест. Шумо инчунин бояд бо сухани кушода Исои Масеҳро эътироф намоед ва ба одамон пайғом расонед, ки чӣ тавр одам бо Худо оштӣ шуда метавонад. Яке аз роҳҳои таъсирбахши ин пайғомро расондан ин нақли Шумо дар бораи он аст, ки Худо дар зиндагии Шумо чӣ корҳоро кард.




Ин «чархест», ки Шумо бо вай дар китоби «ҳаёти Шумо дар Масеҳ» вохӯрдед, вай ҳамаи он гуфтаҳои, дар китоби якум ва дуюми «Нақшаи таълим» бударо дар бар мегирад. Калиди ҳаёти пурзафар зери сарварии Рӯҳулқудс ИСОИ МАСЕҲ ҳамчун марказ ва Худованди ҳама амали Шумо мекардагӣ

мебошад. Вақте, ки Масеҳ дар марказ аст таносуби ҳаёти Шумо хуб ва пурмаҳсул аст. «Чарх» ифодакунандаи ҳаёт аст.

**Масеҳ – марказ.**

2. Қуринтиён 5:17. Ғалотиён 2:20.

Чӣ тавре, ки қувваи ҳаракатдиҳанда ба чарх аз маркази он меояд, қувваи порсоӣ ба ҳаёти мо низ аз Исои Масеҳ меояд. ӯ дар Шумо ҳамчун шахсияти Рӯҳулқудс зиндагӣ мекунад, ки мақсади он мадҳу санои Масеҳ аст.

**Ба Масеҳ итоат кардан.**

Ба Румиён 12:1: Юҳанно 14:21.

Ҳалқаи чарх ин ифодакунандаи итоаткории масеҳиён ба Худовандии Исои Масеҳ мебошад, ки ҳама вақт дар итоат мебошад.

**Калом.**

Тимотиюс 3:16: Иисус 1:8.

Симҳо (парраҳо) ифодакунандаи онанд, ки чӣ тавр Масеҳ дар ҳаёти Шумо кор мекунад. Ба воситаи парраҳои вертикалӣ Шумо муносибататонро шахсан бо Худо амиқ мегардонед. Ин парраҳо калом ва дуо ҳастанд. Калом-ин хӯроки рӯҳонӣ ва шамшер барои муборизаи рӯҳонии шумост. Ин парраи асосии ҳаёти масеҳист.

**Ибодат.**

Юҳанно 15:7. Филиппиён 4:6,7.

Парраи дуюми вертикалӣ ин дуоро ифода мекунад. ба воситаи дуо Шумо метавонед бевосита бо Падари Осмонӣ сӯҳбат намоед ва ҳама чизе, ки барои ҳаётатон лозим аст, онро гиред. Тавассути дуо инчунин Шумо метавонед, тобеият ва боварии пурраатонро ба Худо ифода намоед.

**Муносибат.**

Матто 18:20; ба Ибриён 10:24,25.

Парраҳои горизонталӣ алоқамандии Шуморо бо муҳит ифода мекунад: Бо имондорон ба воситаи шаҳодат. Дар рафти муносибат, ки дар маркази он Худованд Исои Масеҳ истодааст, мо дорои панди тарафайн, ваъда ва дастгирии ҳар як одам ниёзманди он буда мегардем.

**Шаҳодат**

Матто 4:19 ба Румиён 1:16.

Се парра (калом, дуо, муносибат) Шуморо водор месозад, бо дигарон он чиро, ки Худованд ба Шумо додааст, бо ҳам бинед. Шумо ин корро ба воситаи шаҳодат ба анҷом мерасонед: ба одамон нақл мекунед, ки дар вақти вохӯрӣ бо Масеҳ ба Шумо чӣ рӯй дод,

Инҷилро мефаҳмонед ва тарғиб менамоед, қудрати Худовандро баҳри наҷот ошкор месозед.

**Пешратфи шогирд**

Дар рафти инкишоф дар Масеҳ Шумо метавонед бештар ҳақиқатеро, ки дар ҳар як қадам дар зиндагиатон бо Масеҳ дастгириатон менамояд, дарк намоед. Шумо саёҳатро бо Исои Масеҳ, ба ӯ бовар карда, сар мекунед: вале ин саёҳат тамоми умр давом мекунад. Он чиз, ки Шумо аз китоби дуюм пайдо кардед, ба Шумо дар роҳи дуруст рафтанатон кӯмак мекунад. Роҳнамои минбаъдаро барои ин сафар Шумо аз китоби сеюм «Сафар ба Масеҳ», ки хоҳед хонд, мегиред…

- ❖ Инкишоф бо Масеҳ.
- ❖ ҳокимияти Исои Масеҳ.
- ❖ Имон ва паймони Худованд.
- ❖ Донистани иродаи Худованд.
- ❖ Ҳаёти хидматгор.